**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар кафедраи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович соли 2019 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, шуъбаи магистратуро бо ихтисоси «Филологияи забони англисӣ» хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсионии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 28-уми феврали соли 2020 тасдиқ шудааст (суратҷаласаи № 8/6-2).

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсияи Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ ва дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйид намудааст, ба табъ расидаанд.

Муҳимияти рисола, пеш аз ҳама, дар набудани пажӯҳиши мушаххас, ки ба таҳқиқи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», бахшида шудаанд, зоҳир мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ докторант вазифаҳои зеринро дар

назди хеш гузоштааст:

ҷамъоварӣ ва таснифи тематикии истилоҳоти кулогарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои фавқуззикр;

ба низоми муайян ва ба як шакл даровардани истилоҳоти кулолгарии забонҳои таҳқиқшаванда;

муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, луғавӣ ва семантикии истилоҳоти кулолгарии забонҳои қиёсшаванда;

таъйин намудани роҳҳои муайян дар раванди иқтибос ва тарҷумаи истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

муайян намудани воситаҳои байнисоҳавии ифодаи истилоҳоти кулолгарӣ дар ҳарду забон.

Навгонии мавзӯи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он ҳувайдо мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ истилоҳоти кулолгарӣ бори нахуст аз нигоҳи муқоисаву муқобала мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Дар заминаи таҳқиқи диссертатсия таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар назар аст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқотро низ таъкид кардан зарур аст, зеро маводи он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимиву вожаномаҳо барои мактабҳои олӣ ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант ҳамчун мутахассис хеле хуб омода гардида, мавзуи диссертатсияро ҳаматарафа омӯхта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда пурра огоҳ аст ва мавзӯи таҳқикро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертатсияи муҳаққиқ сазовори баҳои баланд мебошад ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талаботе, ки нисбат ба навишти рисола пешниҳод карда мешавад, комилан

ҷавобгӯй мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович аз вазифаи дар пешаш гузошташуда комилан баромадааст ва диссертатсияеро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, ҳамчун роҳбари илмӣ, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Имзои доктори илми филология, профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
н.и.ҳ., дотсент: Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121.
Тел.: (+992 37) 224-13-83
E-mail: tgpu@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
16.05.2022